# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Қаюмова Ҳурилико Тағайевна дар мавзуи «Накши анъанаҳои халки тоҷик дар ташаккули ватандӯсти, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Имрӯз замони муосир бо равандҳои мураккаби сиёсию иҷтимоӣ, ҷаҳонишавӣ ва омезиши тамаддунҳо миллатҳоро водор менамояд, ки дар ҳифзу таҳкими таъриху фарҳанг ва арзишҳои миллии худ талошу кӯшишҳои бесобиқаро иҷро намоянд. Чунки камтарин хаатокорӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ метавонад муҳимтарин арзишҳои миллӣ, ҳатто ҳастии миллатро ба боди таърих диҳад. Ҳамин аст, ки асри равон бо фарқ аз рӯзгори гузашта бо асри гуфтугӯйӣ тамаддунҳову ҷаҳонишавӣ тавсиф мешавад.

Вокеан, ҷаҳони имрӯза, ки бо гуногунии мафкуравӣ ва омезиши фарҳангиву ҷаҳонишавии худ бо шиддат майл дорад, дар он таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстӣ калиди суботи ҷомеа ва омили асосии пешгирии рафторҳои номатлуб маҳсуб меёбад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна бо дарназардошти ақидаҳои болозикр мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ»-ро ҳамчун таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки он мубрам арзёбӣ гардида, аҳамияти назариявию амалиро доро мебошад.

Унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ бамаврид қайд кардааст, ки аҳаммияти ҷанбаҳои гуногуни анъанаҳои халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас муҳим арзёбӣ мегардад ва дар мероси педагогикаи халқӣ (хаттию шифоҳӣ) накши анъанаҳои халки тоҷик, назария ва амалияи тарбияи инсон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ эҷод шудаанд. Ба инсон барои мулоҳиза кардан ва меҳру муҳаббатро нисбат ба кишвар эҳсос намудан, дар ӯ эҳсоси эҳтиром ва ҳамдардӣ нисбат ба дигар инсонҳоро бедор намудан басо муҳим аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Хурилиқо бо таҳлили адабиёти зиёди психологӣ-педагогӣ оид ба ташаккули малакаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик ба омӯзгорон ва падару модарон тавсияҳои арзишмандро пешниҳод намудааст, ки арзиши баланди илмӣ доранд.

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот:

банди 1 - «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ);

банди 6 - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот);

банди 7 - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 36 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 27 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар

чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин, бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог ба роҳ монда шудаанд.

Эътиборнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада, инчунин, бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилико Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯсти, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», Иззатова Муҳаббат Иноятовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Қаюмова Ҳурилико Тағайевнаро дар мавзуи «Накши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯсти, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>КАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилико Тағайевна дар мавзуи «Накши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯсти, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаккиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;
- Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;
- Иззатова Муҳаббат Иноятовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи такрории диссератсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти

Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Рӯзиева Л.Т.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

доктори илмҳои педагогӣ Ҳоҷиматова Г.М.

« 29 » апрели соли 2026

*"Имзои Л.Т. Рӯзиева, И. Давлатшоев ва Г.М. Ҳоҷиматоваро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ